**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи илмии Файзализода Бахтиёр Файзалӣ дар мавзуи “Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамияти мавзуи пешниҳодгардида пеш аз ҳама дар он ифода мегардад, ки кулли ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд аз он вобаста мебошанд, чунки донишу таҳсилот, гирифтани иттилооту маълумот заминаи рушди инсон буда, яке аз пояҳои амалисозии ин ҳуқуқ мебошад.

Заминаҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар карда шудаанд. Ҳақ ба ҷониби муаллиф аст, ки навишта аст: “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии бунёди давлати демократии ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва иҷрои уҳдадориҳои инсон ва шаҳрвандро, ки яке аз онҳо ҳуқуқ ба таҳсил мебошад, муқаррар кардааст. Моддаи 41-уми он на танҳо таълими умумии асосиро ҳатмӣ ва ройгон медонад, балки ҳуқуқи шаҳрвандонро ба таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ба таври ройгон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ дар доираи муқаррарнамудаи қонун таъмин менамояд. Аз ин бармеояд, ки ҳуқуқ ба таҳсил қисми таркибии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарин, омили муайянкунандаи воқеии татбиқи ҳуқуқу озодиҳои фардӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад”. Дар қатори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (моддаи 26-уми он) ҳуқуқ ба таҳсилро ҷузъи ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд эълон кардааст. Ғайр аз ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои гуногун қабул шудаанд, ки баҳри тавсеа ва рушди ҳуқуқи таҳсил равона шудаанд.

Имрӯз на танҳо назария, балки амалияи ҳуқуқ ба таҳсилот аҳамияти бузург пайдо кардааст, чунки он на танҳо як ҷузъи фаъолияти инсон, балки заминаи рушди кулли соҳа ва самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ, асоси сармоягузорӣ ба ояндаи кишвар аст, ки дар он бояд давлат, ҷомеа, корхонаҳо, ташкилотҳо, шаҳрвандон иштирок кунанд, зеро таҳсилоти босифат ба манфиати кулли онҳо мебошад.

Имрӯз як қатор масоил дар амалияи истифодаи ҳуқук ба таҳсил пайдо гардидааст, ки ин мавзуъро боз ҳам мубрам мегардонад. Қабули як қатор қонунҳо, ки ба хизмати ҳарбӣ бурдани бакалавру магистрҳоро иҷозат медиҳад, мушкилиҳои муайянро барои макотиби олӣ, сифати таълим, речаи амалисозӣ ва фаъолияти онҳо ба вуҷуд овард. Аз ин сабаб, вобаста ба шароити муосир мутобиқ сохтани қонунгузорӣ ва дарёфти роҳҳои ба таври мустақим ва осон амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил яке аз талаботи замони муосир мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Оид ба мавзуи пешниҳодгардида, ҳарчанд санадҳои меъёриву ҳуқуқии зиёде қабул шудаанд, вале таҳқиқотҳои илмӣ нисбатан нодир ҳастанд ва то имрӯз таҳқикоти маҷмӯӣ оид ба мавзуъ вуҷуд надорад ва хурсандиовар аст, ки унвонҷӯ ба таҳқиқи мавзуи камтаҳқиқгардида даст задааст.

Ба андешаи мо, мақсад аз таҳқиқоти мазкур, муайян намудани ҷойгоҳи ҳуқуқи мазкур дар байни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ошкор ва таҳқиқ намудани муаммоҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалии кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил, дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо, таҳияи пешниҳодот дар робита ба бартараф сохтани камбудиҳо дар сатҳи қонунгузории кишвар мебошад.

Вобаста ба мақсади гузошташуда, вазифаҳои муайян дар рисола гузошта шуда ва чуноне, ки таҳлили рисола имконият медиҳад хулоса намоем, ин вазифаҳо бо муваффақият амалӣ шудаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро андешаҳои илмию назариявии муҳаққиқон Н.И. Муминзода, Ф.С. Мирзозода, Р.Ш. Шарофзода, Ф.Т. Тоҳиров, М.А. Маҳмудзода, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ш. Шарофзода, Э.С. Насриддинзода, А.Ғ. Холиқзода, Ҷ.З. Маҷидзода, Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон, С.С. Алексеев, Р.С., Гринберг, В.С. Нерсесянс, В.М. Сирих, В.Е. Чиркин, В.И. Шкатулла ва дигарон ташкил медиҳад.

Муаллиф ҳангоми таҳияи рисола аз усулҳои гуногуни умумиилмӣ ва усулҳои хусусии илмӣ бо мавқеъ истифода бурда, дар натиҷа ба хулосаҳои объективонаи илмӣ омадааст. Масалан, усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият додааст, то пайдоиш ва ташаккули заминаҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҳуқуқи халқи тоҷик таҳқиқ шавад. Тавассути усули диалектикӣ сабаб ва шароитҳои пайдоиши заминаҳои қонунгузории ҳуқуқ ба таҳсил, зарурат ва аҳаммияти он барои рушди ҷомеа ва давлат аз аҳди қадим то замони муосири таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик муайян карда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои назарӣ ва амалии кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти давраҳои таърихии рушди ҳуқуқ ба таҳсил дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ҷониби муаллиф як қатор навгониҳои илмӣ барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки аксарияти онҳо лоиқи дастгирӣ ва ҳимоя буда, саҳми муаллиф дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ мебошанд. Махсусан, банди якум ва дуюми навгониҳо натиҷаи таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии масъала мебошанд, ки ба чор марҳила ҷудо гардида, хусусияти ҳар яки онҳо муайян карда шудаанд. Навгониҳои дигари рисола низ аввалин маротиба барои ҳимоя пешниҳод гардида, навгонӣ ва натиҷаи таҳлилҳои амиқи илмӣ мебошанд, аз ин сабаб сазовори дастгирӣ мебошанд.

Таклифҳои амалии муаллиф, ки натиҷаи таҳлилҳои амиқи вазъияти амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил мебошанд, бояд зикр намуд, махсусан,

қабули санади меъёриву ҳуқуқии мураттабшуда, дар шакли Кодекси маориф, бекор кардани синни ниҳоии амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил дар магистратура, бештар ҷудо намудани ҷой барои таҳсили ройгон, эътибори ҷиддӣ додан ба сифати таҳсилу таълим, тайёр кардани санадҳои ҳуқуқии зарурӣ ва ғайра.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки холигӣ дар таълиму таҳсили яке аз ҳуқуқҳои асосии шаҳрванд ва инсон комил мегардад. Аҳаммияти амалии рисола дар он аст, ки механизмҳои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил таҳия гардидааст, мушкилоти мавҷуда, инчунин, тавсияҳо барои рушди қонунгузорӣ пешниҳод шудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки диссертатсия дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад.

Муаллиф мазмуну моҳияти таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар конфронсҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, дар мақолаҳои илмии таҳия ва нашрнамудааш, ки асосан дар маҷаллаҳои илмии руйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, ироа намудааст.

Дар қатори дастовардҳои илмӣ дар рисола баъзе муаммоҳои баҳсталаб мушоҳида мешаванд. Ба андешаи мо, қабули Кодекси маориф танҳо як ҷониби масъала буда, қабули низомномаҳо, санадҳои меъёриву ҳуқуқии гуногун, ки тез-тез иваз мешаванд, ҷанбаи дигари масъала мебошад. Дар автореферат баъзе хатоҳои техникӣ мушоҳида мешаванд.

Албатта, камбудиҳои ошкоршуда, қимати илмии рисоларо кам намекунанд, уонвонҷӯ таҳқикоти пурарзиши илмӣ пешниҳод намудааст, ки дар он мустақилият, объективият ва таҳлилҳои амиқ ҷой доранд.

Хулоса, таҳқиқоти илмии Файзализода Б.Ф. ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, сатҳи навгонии илмии

диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Диссертатсия дар мавзуи "Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он - Файзализода Бахтиёр Файзалӣ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарриз:**
Сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети 4
Академияи Вазорати корҳои дохилии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., полковники милитисия — Ҳоҷибобо З.М.

Имзои сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитисия Ҳоҷибобо З. М. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбачаи кор бо ҳайати шахсии факултети 4-уми
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия — Олимзода А.А,

«5» 05 2023 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, мкрн. 17 бинои № 1.
Телефон: +992 (3422) 2-18-80; +992 93-922-18-90. Email: azm1977@mail.ru